# 6D020300– таърих

## 07.00.02 – таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик)

*(Бо қарори Раёсати комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 сентябри соли 2017 № 4/1 )*

**ихтисос**

Таърихи ватанӣ

**I.Соҳаи илме, ки аз рӯйи он дараҷаи илмӣ дода мешавад**

Илмҳои таърих

**II. Тасвияти ихтисос**

Таърихи ватанӣ – соҳаи илми таърих буда, инкишофи равандҳои таърихиро аз замонҳои қадим то имрӯз дар ҳудуди Тоҷикистон дар ҳамбастагӣ бо таърихи кишварҳои Аврупо ва таърихи умумиҷаҳонӣ, барқароршавии давлатдории он, рушди равандҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангиро тадқиқ менамояд.

**III. Соҳаҳои тадқиқот**

1. Рушди иҷтимоӣ-иктисодии ҷамъият дар ҳудуди Тоҷикистон: сохти ҷамъиятӣ, хоҷагии қишлоқ, саноат,роҳҳои муошират ва нақлиёт, тиҷорат, воситаҳои алоқа, шаҳрсозӣ, ташаккул ва вазъи табақаҳо, синфҳо;
2. Ташкилотҳои давлатӣ дар ҳудуди Тоҷикистон, сиёсати дохилӣ ва хориҷии онҳо, ҳукуматҳои маҳаллӣ, муборизаҳои синфӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва ғайрисиёсӣ, ташкилотҳо, идеологияи давлатӣ, синфӣ ва табақавӣ;
3. Дин ва маросимҳои динӣ, вазъият ва нақши ҷамъиятҳои динӣ дар рушди ҳаёти давлатӣ ва ҷамъиятӣ, фарҳангӣ, муносибатҳои мутақобилаи ҷамъиятҳои динӣ;
4. Маданияти моддӣ ва маънавӣ, маориф ва илм;
5. Равандҳои этникӣ дар ҳудуди Тоҷикистон, махсусиятҳои миллӣ, муносибатҳои мутақобилаи байни халқҳо, фарҳанги миллӣ ва ҳаракатҳои миллӣ.
6. Алоқаҳои иқтисодӣ, ҷамъиятӣ-сиёсӣ ва фарҳангии Тоҷикистон бо дигар кишварҳо.

**IV. Ихтисосҳои алоқаманд**

05.25.02 – ҳуҷҷатнигорӣ, ҳуҷҷатшиносӣ ва бойгоншиносӣ

- 07.00.03 – таърихи умумӣ
- 07.00.15 – таърихи муносибатҳои байналхалқӣ ва сиёсати хориҷӣ
- 07.00.06 - бостоншиносӣ
- 07.00.07 – мардумшиносӣ, қавмшиносӣ ва антропология
- 07.00.09 - таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва усулҳои таҳқиқоти таърихӣ
- 23.00.01 – назарияи сиёсат, таърих ва услуби илми сиёсӣ

**V. Тафовутҳо бо ихтисосҳои алоқаманд**

Ихтисоси 07.00.02 «таърихи ватанӣ» аз ихтисоси 05.25.02 «ҳуҷҷатнигорӣ, ҳуҷҷатшиносӣ ва бойгоншиносӣ » бо он фарқ мекунад, ки дар ихтисоси 07.00.02 ҳуҷҷатҳо ахбороти асосӣ оид ба таърихи гузаштаи марҳилаи муайяни таърихӣ, ки ҷиҳати ҳалли масъалаи мушаххаси илмӣ заруранд, маҳсуб меёбанд. Ихтисоси 05.25.02 бошад,таҳқиқи қонунияти ташкили ҳуҷҷатҳоро ҳамчун ноқилони ахбор дар назар дорад.

Ихтисоси 07.00.02 аз ихтисоси 07.00.03 «таърихи умумӣ» бо он фарқ мекунад, ки барои ихтисоси 07.00.02 тадқиқи қонуниятҳо ва махсусиятҳои инкишофи таърихии Тоҷикистон дар ҳамбастагӣ бо таърихи Аврупо ва таърихи умумиҷаҳонӣ хос аст, вале ихтисоси 07.00.03 масоили таърихи кишварҳои хориҷӣ (Аврупо ва ҷаҳон)-ро меомӯзад.

Ихтисоси 07.00.02 аз ихтисоси 07.00.15 «таърихи муносибатҳои байналхалқӣ ва сиёсати хориҷӣ» бо он фарқ мекунад, ки вай махсусиятҳои инкишофи таърихии Тоҷикистонро дар чаҳорчубаи муносибатҳояш бо дигар давлатҳо ва халқҳо меомӯзад, дар ҳоле, ки ихтисоси 07.00.15 проблемаҳои муносибатҳои байналхалқӣ ва сиёсати байналхалқӣ, инчунин динамикаи прблемаҳои ҷаҳонии имрӯзаро таҳқиқ менамояд.

Дар чаҳорчубаи ихтисоси 07.00.02, дар фарқият аз ихтисоси 07.00.06 «бостоншиносӣ», инкишофи иҷтимоӣ-иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангии халқи тоҷик дар асоси маҷмуи сарчашмаҳои дастрас (хаттӣ, тасвирӣ, моддӣ) таҳқиқ мегардад.Дар ихтисоси 07.00.06 бештар маданияти моддӣ дар асоси сарчашмаҳои шайъӣ омӯхта мешавад.

Ихтисоси 07.00.02 ба омӯзиши муносибатҳои байни халқҳо дар ҳудуди Тоҷикистон, проблемаи ташаккулёбӣ ва инкишофи халқият ва миллати тоҷик нигаронида шудааст. Илмҳое,ки ихтисоси 07.00.07 «мардумшиносӣ, қавмшиносӣ ва антропология»-ро муттаҳид менамоянд, дар фарқият аз ихтисоси 07.00.02, раванди ташаккулёбӣ ва инкишофи халқҳо, тарзи зиндагии онҳоро меомӯзанд.

Дар ихтисоси 07.00.02, дар фарқият аз ихтисоси 07.00.09 «таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва усулҳои таҳқиқоти таърихӣ », таҳлили манбаъҳо, асарҳои

муҳақиқон ва усулҳои таҳқиқоти таърихӣ  аз нуқтаи назари истифодабарии онҳо ҷиҳати ҳалли проблемаи мушаххаси илмӣ дар назар дошта шудааст. Дар як вақт дар чорчубаи ихтисоси  07.00.09 худи раванди ҷамъшавии донишҳои таърихӣ таҳқиқ гардида, назария ва усулҳои истифодабарии манбаъҳои таърихӣ коркард мешаванд.

Ихтисоси  07.00.02 аз ихтисоси  23.00.01 «назарияи сиёсат, таърих ва услуби илми сиёсӣ » бо он фарқ мекунад, ки муносибатҳои ҷамъияти сиёсии Тоҷикистонро бо дигар кишварҳо дар марҳилаи мушаххаси таърихӣ меомӯзад. Аммо дар чорчубаи ихтисоси  23.00.01 таҳияи илмӣ ва коркарди прблемаи муносибатҳои сиёсӣ, инкишофи илми сиёсӣ дар ҷаҳони имрӯза амалӣ мегардад.